آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

**28 феврали соли 2026**
**Шанбе**
**№ 17 (15236)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# СУРХОНДАРЁ БА СУТУНИ МУСТАҲКАМИ ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ ДАР ҶАНУБ ТАБДИЛ МЕЁБАД

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо мақсади аз наздик шинос шудан бо раванди ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ дар маҳалҳо, корҳои созандагӣ, лоиҳаҳои бузург, инчунин мулоқот бо мардум, 26–27 феврал дар вилояти Сурхондарё қарор дошт.**





Рӯзи дуюми сафар Президент Шавкат Мирзиёев оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Сурхондарё ҷамъомад баргузор намуд.

– Сурхондарё на танҳо сарзамини дорои табиати зебо, балки диёри инсонҳое мебошад, ки рӯҳияи пурзӯр, ғайрати баланд ва орияти мустаҳкам доранд. Рушди Сурхондарё таҳкими сутуни ҷанубии такягоҳи Ӯзбекистони Нав мебошад, – таъкид кард Сарвари давлат дар оғози суханронӣ.

Дар муддати сипаришуда дар минтақа зиёда аз 8 ҳазор лоиҳа ба маблағи 5 миллиард доллар ба истифода дода шуд. Бо кишварҳое чун Чин, ИМА, Русия, Ҳиндустон, Австрия ва Маҷористон оид ба сармоягузорӣ ва савдо ба маблағи иловагии 10 миллиард доллар созишномаҳо ба даст омадааст.

Дар нӯҳ соли охир сатҳи фарогирӣ бо кӯдакистонҳо аз 28 то 68 фоиз афзуд, 23 мактаби нав бунёд гардида, 448 адад муассисаҳо таъмир карда шуданд. 102 ҳазор ҷойи нишасти иловагӣ барои хонандагон муҳайё гардид. Ба 688 бинои бисёрошёна, ки дар ин давра сохта шуданд, 32 ҳазор оила кӯчиданд. Дар ноҳияҳои Ангор, Бойсун, Ҷарқӯрғон, Сариосиё ва Тирмиз мавзеъҳои «Ӯзбекистони Нав» ташкил гардиданд.

Бо татбиқи лоиҳаи «Истифодаи оби обанбори Тӯпаланг» таъминоти оби нӯшокии 563 ҳазор аҳолии шаҳри Тирмиз ва 10 ноҳия беҳтар шуд.

Дар ҷамъомад таъкид гардид, ки назди ҳокими вилоят ва ҳокимони ноҳияҳо вазифа гузошта шудааст, то дар соли ҷорӣ ҳаҷми сармоягузориро ба 3 миллиард доллар ва содиротро ба 1 миллиард доллар расонанд. Ҳамчунин поин бурдани сатҳи нодорӣ то 2,8 ва бекорӣ то 4,5 фоиз, инчунин ба минтақаҳои бидуни камбизоатӣ ва бекорӣ табдил додани шаҳри Тирмиз ва ноҳияҳои Ангор, Денов, Ҷарқӯрғон, Қизириқ ва Музработ вазифаи муҳим арзёбӣ гардид.

Дар сохтори иқтисодиёти Сурхондарё ҳиссаи саноат дар нӯҳ соли охир панҷ баробар афзуда, ба 10 фоиз расидааст. Бо вуҷуди ин, таъкид шуд, ки ин нишондиҳанда ҳанӯз кофӣ нест.

Барои афзоиши ҳаҷми саноат зарурати суръат бахшидан ба азхудкунии конҳои минтақа таъкид гардид.

Вазифа гузошта шуд, ки соли ҷорӣ дар конҳои «Санҷар»-и Бойсун ва «Оқсув»-и Олтинсой, соли оянда дар кони «Фангарт»-и ин ноҳия истихроҷи ангишт роҳандозӣ шавад. Ширкати «Sosol»-и Африқои Ҷанубӣ ба истеҳсоли полипропилен, полиэтилен ва каучук аз ангишт таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Сармоягузорони чинӣ низ барои ворид намудани 1 миллиард доллар сармоя ба конҳои «Қоракон», «Ҷемсонит», «Чуқур» ва «Байрам-1»-и Сариосиё омодаанд. Дар кони «Безактоп»-и Бойсун захираҳои санги табиӣ ҳанӯз пурра омӯхта нашудаанд. Супориш дода шуд, ки корҳои зарурӣ дар ин самт оғоз гарданд.

Дар ҷамъомад натиҷаҳои фаъолияти Маркази байналмилалии савдои Тирмиз махсус зикр гардид. Соли гузашта ба марказ беш аз 800 ҳазор шаҳрвандони Афғонистон ташриф оварда, ҳаҷми содирот 320 миллион долларро ташкил додааст.

То ҳазор гектар расонидани масоҳати марказ муқаррар гардид. Гуфта шуд, ки бо татбиқи лоиҳаҳои нав шумораи соҳибкорон ва харидорон бамаротиб меафзоянд ва бо мақсади таъмини волоияти қонун дар марказ фаъолияти шуъбаи махсуси прокуратура ва корҳои дохилӣ роҳандозӣ мешавад.

Инчунин қайд гардид, ки минбаъд гардиши молу хидматрасониҳо дар ҳудуди марказ ҳамчун содирот арзёбӣ гардида, нисбат ба онҳо меъёри «сифр»-и андоз аз арзиши иловашуда татбиқ мегардад.

Сарвари давлат ба имкониятҳои кишоварзӣ низ таваққуф намуда, таъкид кард, ки дар 35 ҳазор гектар замини наздиҳавлигии вилоят соле 3–4 маротиба ҳосил гирифта мешавад ва чунин нишондиҳанда дар дигар ягон вилоят мавҷуд нест.

Зарурати ба роҳ мондани таҷрибаи босамари «Мактаби замини наздиҳавлигӣ»-и ноҳияи Тирмиз дар тамоми вилояти Сурхондарё ба миён гузошта шуд. Дар ин замина супориш дода шуд, ки дар ноҳияҳои Ангор, Узун ва Деҳнав низ «Мактабҳои замини наздиҳавлигӣ» ташкил ва дар ҳар як вилоят фаъолияти дутоӣ «Мактаби инноватсионии замини наздиҳавлигӣ» роҳандозӣ шаванд.

Таъкид гардид, ки дар шароити вилояти Сурхондарё истеҳсоли маҳсулот дар гармхонаҳо нисбат ба дигар минтақаҳо 2–3 баробар арзонтар меафтад. Гуфта шуд, ки имсол дар асоси таҷрибаи минтақаи Алмерияи Испания дар ҳазор гектар майдон гармхонаҳои бо нури офтоб гармшаванда ташкил гардида, ба соҳибкороне, ки чунин гармхона месозанд, замин ба муҳлати 5 сол бепул ба иҷора дода мешавад ва онҳо ба муҳлати 3 сол аз пардохти истифодаи обҳои зеризаминӣ низ озод мегарданд.

Таъкид шуд, ки чарогоҳҳо боз яке аз имкониятҳои бузурги вилоят мебошанд, ки то ҳол пурра истифода нашудаанд. Аз ҷумла, дар ноҳияи Бойсун 197 ҳазор гектар чарогоҳ мавҷуд аст ва агар насосҳои дарёи Дарбанд барқарор гардида, об баровардa шавад, барои мавриди истифода қарор додани 10 ҳазор гектар чарогоҳ имконият фароҳам мешавад.

Таъкид карда шуд, ки барои азхудкунии чарогоҳҳои захиравӣ нархи ибтидоӣ дар ҳаҷми 1 фоизи арзиши меъёрӣ муқаррар гардида, онҳо ба музояда баровардa мешаванд. Ба соҳибкороне, ки дар музояда замин мегиранд, ба муҳлати 10 сол кредит бо фоизи 14 дарсад ва давраи имтиёзноки 4-сола ҷудо карда мешавад ва барои овардани об ба ҳар 10 гектар то 120 миллион сӯм субсидия тақдим мегардад.

Чорабиниҳои татбиқсозии лоиҳаҳо дар соҳаҳои паррандапарварӣ, чорводорӣ ва занбӯриасалпарварии вилоят низ муайян гардиданд.

Гуфта шуд, ки инфрасохтори роҳу нақлиёт яке аз масъалаҳои доғи вилоят ба шумор меравад. Ҳоло лоиҳаи ба рӯйпӯши семент-бетонӣ гузаронидани 111 километри роҳ, ки Бойсун ва Деҳнавро мепайвандад, амалӣ мегардад. Пас аз ба истифода додани ин роҳ ҳаҷми боркашонӣ ду баробар афзуда, вақти сафар аз 3 то 1,5 соат коҳиш меёбад.

Соли ҷорӣ таъмири асосии 178 километри шоҳроҳе, ки кишварро бо Афғонистон ва Тоҷикистон мепайвандад, инчунин, корҳои ба ҳаракати қаторaҳои баландсуръат мутобиқ намудани қитъаи «Тошғузор – Бойсун – Қумқӯрғон», барқикунонии роҳи оҳани «Қумқӯрғон – Қудуқли» оғоз мегардад. Дар самтҳои Тирмиз – Истанбул ва Тирмиз – Дубай хатсайрҳои нави ҳавоӣ ташкил мешаванд.

Автобусҳои нав харидорӣ шуда, ҳаракати онҳо дар хатсайрҳое, ки аз Шӯрчӣ, Денов, Сариосиё, Шеробод ва Бойсун ба Тирмиз мераванд, ба роҳ монда мешаванд.

Гуфта шуд, ки то охири сол лоиҳаи таъмини 56 ҳазор аҳолии ноҳияи Музработ бо оби нӯшокии марказонидашуда ба анҷом расонида шуда, ҳамчунин корҳои кашидани шабакаи партовоб ба маркази ноҳияҳои Музработ, Олтинсой, Ангор, Қизириқ ва Бойсун оғоз меёбад.

Қайд гардид, ки бо ҳамкорон роҳи ҳалли илмии масъалаи мураккаби технологии маҷмааи бузурги коркарди гази «25-солагии Истиқлолият» пайдо шудааст.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

***Дар доираи иҷрои супоришҳои Президент дар вилояти Сурхондарё, донишҷӯёни болаёқати бахши меъморӣ ва сохтмон, пас аз вобаста гардидан ба 114 маҳаллаи ночор, бо кумаки мутахассисон барои рушди ҳамаҷонибаи қитъаҳо нақшаҳои маҳорат таҳия карданд.***

## ЧОРААНДЕШИҲО ДАР МАҲАЛЛАҲОИ НОЧОР

Бо ин мақсад ҳокими вилоят Улуғбек Қосимов дар маҳаллаи «Абдураҳмони Ҷомӣ»-и шаҳри Тирмиз қарор гирифта, бо муаррифии лоиҳаҳои маҳаллаҳои «Абдураҳмони Ҷомӣ» ва «Ҷӯйҷангал», ки донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии муҳандисӣ ва агротехнологияҳои Тирмиз бино ба роҳнамоии устодонашон дар асоси муҳокимаҳои қаблӣ таҳия кардаанд, шинос шуд.

Дар ҷараёни муаррифӣ ҳисобу пешниҳодҳои мушаххас оид ба беҳтар намудани симои меъмории ҳудуд, навсозии роҳу нақлиёт ва инфрасохтори муҳандисию коммуникатсионӣ пешниҳод гардиданд.

Роҳбари вилоят барои марҳила ба марҳила татбиқ намудани корҳои дорои аҳамияти амалӣ дар назди масъулон вазифаҳои мушаххас гузошт.

Ҳамчунин дар доираи нақшаҳои маҳорат масъалаҳои беҳтарсозии роҳҳои дохилӣ, танзими низоми обҳои борону партов, сохтмони ҷӯйборҳои бетонӣ ва дастгирии оилаҳои ниёзманд алоҳида таъкид карда шуд.

**Сурайё НОРМАНӢ.**

*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# «МАШВАРАТИ ПИРОН» ЧӢ КОРҲОРО АНҶОМ МЕДИҲАД?

***Президент Ш. Мирзиёев дар Муроҷиатнома ба Олий Маҷлис ва халқи Ӯзбекистон гуфта буд: «Маҳалла инкишоф ёбад, тамоми мамлакат инкишоф хоҳад ёфт».***
***Бо ҳамин мақсад соли 2026-ум «Соли рушди маҳалла ва пешрафти ҷамъият» эълон шуд.***
***«Мо мақсадҳои пешгузоштаамонро танҳо худамон, бо такя ба таҷрибаи бузурги ҳаётии раисон ва фаъолони маҳаллаҳо, пирони соҳибэҳтиром, хоҳарон, ҷавонони серғайрат, зиёиён, соҳибкорони пурдон, посбонҳои Ватан, хулоса, бо тамоми халқамон якҷо татбиқ менамоем», – таъкид кард сарвари давлат.***
***Мардуми мо беҳуда нагуфтаанд: «Бе пир марав, ки дар бимонӣ, ҳарчанд Сикандари замонӣ».***
***Имрӯз дар мамлакати мо куҳансолон мақому эътибори ҷудогона доранд, онҳо баҳри рӯйи об баромадани нақшу орзуҳоямон саҳм мегузоранд. Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо ба тарзи ҷамоатӣ амал кардани вазифаи мушовири раис оид ба кор бо куҳансолон ва собиқадорони меҳнат бесабаб нест. Он ба мақсади инкишоф додани фаъолияти иҷтимоии куҳансолон дар ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ таъсис ёфтааст. Суҳбати мо бо раиси шуъбаи Бунёди «Нуронӣ» дар вилояти Бухоро Самоиддин ҲУСЕЙНОВ дар атрофи ҳамин масъалаҳо сурат гирифт.***

**– Муҳтарам Самоиддин Қосимович, алҳол, ки «Муроҷиатнома»-и сарвари давлат, ислоҳот-пешравиҳои ҳамаи соҳаҳои мамлакат халқи моро хеле рӯҳбаланд кардаанд, дар ин бобат чӣ метавонед гуфт?**

– Дар паси ҳар як комёбӣ, ки ба даст меояду дар Муроҷиатнома низ таъкид шуд, ғамхорию эътибори давлату ҳукумат нисбати халқ ҳувайдост. Сарвари давлат «Аз ҳама муҳимаш, самараи ислоҳоти моро ҳар як маҳалла, ҳар як хонавода ва ҳар як инсон дар рӯзгори ҳамарӯзааш эҳсос менамояд» гуфт, ки ҳақ бар ҷониб аст. Инро дар ҳаёти куҳансолони вилояти мо низ метавон мушоҳида кард.

**– Дар бораи сохтори шуъбаи вилоятии Бунёди «Нуронӣ» ва натиҷаҳои фаъолияти он чанд сухан мегуфтед.**

– Ҳоло дар вилоят 245021 шаҳрвандони синни нафақа ҳастанд, ки 27 нафари онҳо пирони 100-сола ва аз он боло 4 собиқадори Ҷанги дуюми ҷаҳон, 101 собиқадори меҳнати ақибгоҳ, 861 нафар пирони танҳо ва муҳтоҷи саробон мебошанд. Мо бобати ҳифзи манфиатҳои куҳансолон, барои ба онҳо фароҳам овардани шароити қулайи зиндагӣ, бартараф намудани муаммоҳояшон ба иқтидори 13 шуъбаи шаҳрию ноҳиявии Бунёди «Нуронӣ», инчунин ба аъзои гурӯҳи «Машварати пирон»-и назди 516 маҳалла такя мекунем. Вазифаҳои пешистодаро дар асоси нақша ва низом татбиқ намуда, соли 2025 ба комёбиҳо ноил гардидем.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# СУРХОНДАРЁ БА СУТУНИ МУСТАҲКАМИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ ДАР ҶАНУБ ТАБДИЛ МЕЁБАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

– Мо ҳам садамаро пешгирӣ мекунем ва ҳам лоиҳаеро оғоз менамоем, ки ба иқтисодиёти Сурхондарё такони бузург медиҳад, – гуфт Президенти кишвар.

Сарвари давлат ба имкониятҳои соҳаи сайёҳӣ таваҷҷуҳ намуда, зикр кард, ки дар вилоят зиёда аз 150 объекти мероси фарҳангӣ, аз ҷумла Ал-Ҳаким ат-Тирмизӣ, Султон Саодат, Кокилдор ота, Чилдухтарон мавҷуд аст. Ҳисор, Бойсунтоғ, Кӯҳитанг ва Боботоғ барои рушди кӯҳнавардӣ, треккинг ва экосайёҳӣ имкониятҳои бузург доранд. Бо истифодаи пурраи ин имкониятҳо метавон солона то 1 миллиард доллар даромад ба даст овард.

Зикр гардид, ки ёдгории Тирмизи кӯҳна ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст. Бо истифода аз имкониятҳои сайёҳии ёдгориҳои марбут ба фарҳанги буддоӣ, аз ҷумла Фаёзтеппа, Қоратеппа, Далварзин ва Зурмала, метавон аз Ҷопон, Корея, Чин ва Таиланд солона то 500 ҳазор сайёҳро ҷалб кард.

Дар Сурхондарё зиёда аз 8 ҳазор ҷавонон пайваста ба гӯштин машғуланд. Супориш дода шуд, ки соли ҷорӣ дар назди истироҳатгоҳи «Замондош»-и Деҳнав барои гӯштигирон пойгоҳи муосири таълимӣ-машқӣ бунёд гардад. Ҳамчунин аз соли нави таҳсил дар мактаб-интернати Бойсун дар баробари варзиш, дарсҳои мактабӣ низ ба роҳ монда шаванд.

Дар ҷамъомад бо фаъолон, ҷавонон ва пиронсолони вилоят мулоқот намуда, ҳисоботи ҳокимон ва масъулон шунида шуд. Сарвари давлат супориш дод, ки иҷрои вазифаҳои муайяншуда зери назорати қатъӣ гирифта шуда, дар ҳар як самт ба натиҷаҳои мушаххас ноил гарданд.

Сипас, Президент Шавкат Мирзиёев бо хатти истеҳсоли маҳсулоти базалти корхонаи «Surkhon Sandwich», ки дар ноҳияи Термиз ҷойгир аст, шинос шуд.

Дар тамоми минтақаҳои мамлакат корҳои васеи бунёдкорӣ амалӣ мегарданд. Солҳои охир дар ҳар як лоиҳаи бузург ва иншооти инфрасохторӣ ба сарфаи энергия диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Аз ин рӯ, талабот ба ашёи хоми базалт, плитаҳои сарфакунандаи барқ ва дигар масолеҳи сохтмонӣ, ки аз он истеҳсол мешаванд, пайваста меафзоянд.

Бо назардошти ҳамин ниёз, корхона ба маблағи 26 миллион доллар таъсис ёфтааст. Дар доираи лоиҳа иқтидори коркарди соле то 30 ҳазор тонна ашёи хоми базалт фароҳам гардидааст. Ин имконият медиҳад, ки маҳсулоти тайёр ба маблағи 345 миллиард сӯм истеҳсол гардад.

Маҳсулот дар баробари бозори дохилӣ, ба Тоҷикистон ва Афғонистон низ содир мегардад.

95 фоизи ашёи хом, ки барои истеҳсол заруранд, аз конҳои ноҳияи Олтинсойи вилоят таъмин мешавад. Дар корхона таҷҳизоти муосири технологии Чин насб гардидааст. Дар ин ҷо 200 нафар соҳиби ҷойи кор шудаанд.

Президент зимни шиносоӣ бо раванди истеҳсол, аҳамияти боз ҳам баланд бардоштани сифати маҳсулот, васеъ намудани сатҳи маҳалликунонӣ ва рушди самтҳои содиротиро таъкид кард.

Дар маҷмӯъ, зарурати таҳкими асосҳои илмии соҳаи сохтмон дар кишвар, барои ин таъсиси институти илмиву тадқиқотӣ оид ба масолеҳи сохтмонӣ зикр гардид.

Сарвари давлат дар ҳамин ҷо бо муаррифии маҳсулоти саноати масолеҳи сохтмонии вилоят шинос шуд.

Бо ҳамин сафари кории Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба вилояти Сурхондарё анҷом ёфт.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Холмӯъмин МАМАТРАҲИМОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**мухбирони ЎзА.**

# ФАЪОЛИЯТИ БИНОКОРОН – ЗАМИНАИ УСТУВОРИ ПЕШРАФТИ ҶОМЕА

***Соҳаи сохтмон яке аз бахшҳои муҳими иқтисодиёти мамлакат маҳсуб меёбад, ки рушди инфрасохтор, ободонии шаҳрҳо ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардумро таъмин мекунад. Дар маркази ин раванд бинокорон қарор доранд – мутахассисоне, ки бо заҳмати шабонарӯзии худ симои фардои ҷомеаро ташаккул медиҳанд.***



Сохтмон маҷмӯи корҳои мураккаб ва ҳамоҳангшударо дар бар мегирад. Аз таҳияи лоиҳа то ба истифода супоридани иншоот, ҳар марҳила масъулияти баланд, дониш ва таҷрибаи касбиро талаб мекунад. Муҳандисон, меъморон, устоҳо ва коргарон дарякҷоягӣ фаъолият намуда, биноҳои истиқоматӣ, муассисаҳои иҷтимоӣ, роҳҳо ва дигар иншооти муҳимро бунёд месозанд.

Имрӯз бо пешрафти технология соҳаи сохтмон низ рӯ ба навсозӣ овардааст. Истифодаи техникаи муосир, масолеҳи босифат ва усулҳои инноватсионӣ имкон медиҳад, ки корҳо бо суръати бештар, сатҳи баланди амният ва сифати устувор анҷом дода шаванд. Ин раванд на танҳо самаранокии истеҳсолотро зиёд мекунад, балки ба муҳити зист низ таъсири мусбат мерасонад.

Бо вуҷуди дастовардҳо меҳнати сохтмончиҳо заҳматталаб аст. Онҳо аксаран дар шароити душвори иқлим, бо нақша ва масъулияти ҷиддӣ фаъолият мекунанд. Сабру тоқат, интизом ва ҳисси масъулият сифатҳои асосии намояндагони ин касб мебошанд.

Саҳми бинокорон дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар хеле бузург аст. Ҳар як иншооти сохташуда рамзи меҳнати ҳалол, ҳамкории дастаҷамъона ва талош барои зиндагии беҳтар мебошад. Аз ин рӯ, қадршиносии меҳнати онҳо, фароҳам овардани шароити муносиби кор ва дастгирии иҷтимоӣ бояд ҳамеша дар мадди назари ҷомеа қарор дошта бошад.

Сохтмончиҳо пояи ободонӣ ва нерӯи пешбарандаи тараққиёт мебошанд. Маҳз бо талоши онҳо муҳити зист зеботар, шаҳрҳо муосиртар ва зиндагии мардум осудатар мегардад.

Доир ба меҳнати машаққатноки бинокорон, мушкилӣ ва дастовардҳои ин соҳа бо сардори бинокорони яке аз шуъбаҳои сохтмони калонҳаҷми «Тошканди Нав» **Абдураззоқ ТУРСУНОВ** суҳбат оростем.

– Назар ба гуфтаҳои падарам, рӯзгоре мардум иморати хонаву дар, мактаб ё чойхонаи деҳаро бо роҳи ҳашар бунёд мекарданд. Ҳар як деҳа устои чашмикордони деворзану лойзан дошт. Он биноҳо мустаҳкам ва ба заминҷунбию дигар ҳодисаҳои табиат тобовар буданд, – мегӯяд Абдураззоқ.

– Имрӯз даҳҳо ширкатҳои сохтмонии мухталиф дар шаҳру ноҳияву вилоятҳо фаъолият доранд, ки аз баъзеи онҳо мардум норозигӣ баён мекунанд. Дар муддати кӯтоҳ сохтмони иншоотро ба охир мерасонанду ба дасти соҳибонашон месупоранд. Мебинед, ки баъди як ё ду сол бино боз таъмирталаб мегардад. Ё ин ки миҷоз пешпардохти манзилашро пардохтааст, вале аз сохта шудани он дарак нест. Дар ҳар як касбу кор ҳалолкор бояд буд, то мардум туро бо номи неку амали некат ёдоварӣ кунанд.

Абдураззоқ Турсунов зодаи ноҳияи Нурато мебошад. Баъди хатми мактаби миёна ҳуҷҷатҳояшро ба Донишгоҳи давлатии озоди Тоҷикистон месупорад. Солҳои 1992-1999 дар донишгоҳ таҳсил мегирад ва бо ихтисоси менеҷери тиҷоратӣ ба деҳа бармегардад. Ду сол бахши магистратураро низ дар ин муассиса азхуд мекунад.

Дар деҳа бо ихтисоси интихобкардаи худ кор намеёбад ва солҳои тӯлонӣ дар ноҳияҳои Зафаробод ва Пахтакори вилояти Ҷиззах вазифаи муҳосибро иҷро мекунад. Як муддат дар коллеҷи касбу ҳунари ноҳияи Пахтакор ба шогирдон дарс медиҳад. Дар мактаби зодгоҳ низ ба ҳайси ёрдамчии директор оид ба корҳои хоҷагӣ фаъолият мебарад.

– Инсон ҳар қадар аз зодгоҳ дур шавад, ҳамон қадар хонаи падар, бачагӣ, ҷангу бозиҳои хоҳару додарро бо пазмонӣ ёд мекардааст. Падарам – Худойбердӣ Турсунов инсони ҳамакора, ба қавле дасташ «гул» буд. Шароити деҳа одамро маҷбур мекунад, ки ҳунарманд шавад. Боғдорию молдорӣ, баъзан табибӣ ҳам мекард. Ба беморон кумаки аввалини шикасту бандро мерасонд.

Табиист, ки дар кӯҳистон ҳайвонҳои ваҳшӣ – гургу шағол, рӯбоҳу хирс бисёр аст ва онҳо гоҳ-гоҳ ба чорвои мардум ҳуҷум мекунанд. Падарам ба шикорчигӣ низ шавқи беандоза дошт. Дар ёдам, бача будем. Падарам гурги азимҷуссаеро ба дом андохта, аз кӯҳсор ба поёни деҳа ба хар бор карда оварда буд. Мардум аз деҳаҳои ҳамсоя низ омада падарамро «муборакбодӣ» мекарданд. Чунки гургҳо чорвои аҳоливу хоҷагиро тала мекарданд ва мардум аз онҳо ба танг омада буданд, – бачагиашро ба ёд оварда мегӯяд Абдураззоқ.

Абдураззоқ баробари кор дар сохтмон, дар хоҷагии экологияи ноҳияи Нурато вазифаи инспекториро низ иҷро мекунад.

– Барои бинокорон шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Онҳо бо сару либоси махсус, хӯроки гарм ва хобгоҳ таъмин карда шудаанд. Маошашон сари вақт дода мешавад. Бо корфармоёни фаъол Фаррух Қудратов ва Эъзоз Бегалиев ҳамҷиҳатона корбарӣ мекунем, – гуфт дар поёни суҳбат А. Турсунов.

Абдураззоқ дар оила низ падари меҳрубон мебошад. Бо ҳамсари худ ду духтару як писарро дар руҳияи меҳнатдӯстӣ, донишандӯзӣ, гиромидошти арзишҳои миллӣ тарбия менамоянд.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



# «ГӮШАИ МАЪНАВӢ» – МАКОНИ НАВ ДАР ТАРҒИБИ ФАРҲАНГИ МУТОЛИА

***Дар бинои маъмурии ҳокимияти ноҳияи Бағдод барои пурмазмун ва самаранок гузаронидани вақти холии кормандон ва таблиғи васеъи фарҳанги мутолиа «Гӯшаи маънавӣ» таъсис дода шуд. Ин макон ба гуфтаи масъулон ҳамчун манбаи маънавӣ хидмат карда, тафаккур ва маърифати кормандони ҳокимиятро боло мебарад.***

Ҳокими ноҳия Ғаниҷон Солиев ин ташаббусро як қадами муҳим дар тарғиби китобу китобхонӣ, мутолиаи маҷаллаву рӯзнома ва бедор намудани шавқу завқи кормандон дар шароити муосир меҳисобад.

Ба гуфтаи ӯ намунаҳои беҳтарини адабиёти ҷаҳонӣ ва миллии мо, рӯзномаву маҷаллаҳо, ки дар ин гӯша ҷой гиранд, барои кормандони фарҳангдӯст як туҳфаи арзишманданд. Ин макон, ки шоҳасарҳои адабиёти ўзбек ва ҷаҳонро низ дар бар мегирад, ҳар кормандро ба мутолиа даъват мекунад. Албатта, ҳар як китоб як ҷаҳони нав, як андешаи нав, як хулосаи нав аст. Зеро ҷаҳонбинии шахсе, ки китоб мехонад, васеъ мешавад, тафаккури ӯ амиқтар мегардад ва ҷаҳони маънавии ӯ ташаккул меёбад.

Ин маркази хурди маънавӣ, ки мувофиқи талаботи замон бо завқи хосу диди баланд муҷаҳҳаз шудааст, на танҳо аз ҷиҳати ташкил, балки аз ҷиҳати мундариҷа низ бой аст.

Маблағе, ки барои гӯшаи маънавӣ харҷ шудааст, аз ҷониби кормандон ҳамчун сармоягузории шоиста дар роҳи дониш ва маърифат қабул гардидааст. Зеро таваҷҷуҳ ба маънавият заминаи рушди устувори оянда мебошад.

– Дар ҷомеае, ки китобхонӣ рушд мекунад, тафаккур баланд мешавад, расидан ба ҳадафҳо осон мегардад ва натиҷаҳо бештар баракат меоранд, – мегӯяд роҳбари ноҳия.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ТАҶРИБАИ ДЕҲҚОНОНИ ЧАШМИКОРДОН – ДАР АМАЛ

***Барои истифодаи самараноки қитъаҳои замини ҷудошуда ба ҷавонон деҳқонони чашмикордон вобаста карда мешаванд.***

Дар ҷаласаи видеоселекторие, ки 23 январи соли ҷорӣ таҳти раёсати Президент баргузор гардид, бо мақсади истифодаи самараноки қитъаҳои замин, вобаста намудани деҳқонони чашмикордон ва густариши таҷрибаи пешқадами онҳо вазифаҳои мушаххас муайян карда шуда буд.

Ҳокими вилояти Сурхондарё дар доираи иҷрои ин вазифаҳо дар маҳаллаи Қӯштеппаи ноҳияи Ҷарқӯрғон бо чараёни вобаста намудани деҳқонони соҳибтаҷриба ба ҷавонон тибқи анъанаи «Устод –шогирд», ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии истифодаи қитъаҳои замине, ки ба ҷавонон тавассути музояда барои машғул шудан ба деҳқонӣ ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҷудо гардидаанд, шинос шуд.

Бо ҷавонон мулоқот баргузор гардида, вобаста ба истифодаи самараноки ин таҷриба барои парвариши маҳсулоти серҳосил, даромаднок ва содиротӣ, таъмини суботи иқтисодӣ ва васеъ намудани имкониятҳои худмаблағгузорӣ тавсияҳо дода шуданд.

Ҳамзамон, ба масъулон ҷиҳати ташкили пурсамар ва ҳадафноки ин низом вазифаҳои дахлдор супурда шуданд.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ ЗАМОНАВӢ

***Дар ноҳияи Чусти вилояти Намангон татбиқи боз 3 лоиҳаи нав оғоз мегардад.***

Дар ноҳия барои рушди саноат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, татбиқи мунтазами лоиҳаҳои сармоягузорӣ корҳои амалӣ анҷом дода мешавад.

Аз ҷумла, лоиҳаи нави сармоягузорӣ, ки аз ҷониби корхонаи «Elisof textile» амалӣ мешавад, бо суръати баланд идома дорад. Арзиши ин лоиҳа 4 миллион доллар буда, пас аз ба кор андохтани он таъсиси 85 ҷойи нави корӣ ва афзоиши иқтидори солонаи истеҳсолоти маҳсулот ба 1,5 миллион адад ба нақша гирифта шудааст.

Корхонаи «Mega Pak» низ лоиҳаеро ба маблағи умумии 300 ҳазор доллар амалӣ мекунад. Дар корхона таъсиси 60 ҷойи корӣ, афзоиши иқтидори солонаи истеҳсолоти 4 млн. дона қуттӣ ва афзоиши гардиши солона ба 5 миллиард сӯм ба нақша гирифта шудааст.

Корхонаи «Barqaror group» бошад, истеҳсоли маҳсулоти гигиенӣ ва зидди моеъро ба роҳ мемонад.

Корхонаҳо дар ҳудуди саноатии Сабзазор ҷойгир буда, ба кор андохтани ин се лоиҳаи нав дар моҳи марти соли ҷорӣ, дар арафаи иди Наврӯз ба нақша гирифта шудааст.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

# «МАШВАРАТИ ПИРОН» ЧӢ КОРҲОРО АНҶОМ МЕДИҲАД?

(Аввалаш дар саҳ.1).

**– Фикр мекунам, нақши гурӯҳи «Машварати пирон» барои омӯхтан ва бартараф сохтани масъалаҳои куҳансолон, истифода аз таҷрибаи ғании онҳо бобати беҳбуди муҳити иҷтимоию маънавии оила, маҳалла, тарбияи ҷавонон, таъмини иштироки фаъолонаи эшон дар чараёни ислоҳот, ки асоси фаъолияти гурӯҳро ташкил мекунад, махсус аст?**

– Бале, ғайр аз ҳамаи ин, гурӯҳ боз вазифаҳои зиёд дорад. Назорати ҷамоатӣ бобати иҷрои қарорҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои куҳансолон, барномаҳои давлатӣ, ҳалли мусбати масъалаҳо вобаста ба манфиатҳои аҳолӣ, назорати чараёни кор бино бар амалӣ гаштани талабу муроҷиатҳои онҳо, аз қабили расондани хидмати коммуналӣ ба аҳолӣ, пешгирӣ аз болоравии сунъии нархҳои хӯрокворӣ, доруву дармон, давомоти донишомӯзон дар мактаб, фаъолияти соҳибкорӣ, таъминот бо кор, истифодабарӣ аз қитъаҳои наздиҳавлӣ, ободгардонии маҳалла, солимгардонии вазъи экологӣ, корҳо вобаста ба иҷрои лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз», дар муассисаҳои таълимӣ татбиқ намудани тамоюли «Ду забон ва як касб», афзун гардидани шуурнокӣ ва маданияти ҳуқуқии аҳолӣ, хусусан ҷавонон, бо роҳи ба таълимгоҳҳои ҳудуд вобаста кардани аъзои гурӯҳ зиёд кардани масъулияти падару модарон бобати тарбияи фарзанд, амалӣ гардондани тадбирҳои тарғиботии «Маърифат – алайҳи ҷаҳолат» ва ғайра аз ҷумлаи вазифаҳои аъзои гурӯҳи «Машварати пирон» мебошанд.

**– Тавре гуфтед, соли гузашта барои куҳансолони вилоят низ соли комёбиҳо буд.**

– Оре, мувофиқи тамоюли «Як нуронӣ ба даҳ ҷавон масъул» 8669 ҷавон ба 977 куҳансол вобаста гардида, бо онҳо мулоқоту суҳбатҳои пурмазмун ба амал омаданд. Баробари ин, собиқадорони меҳнат бобати ба касбу кор водор кардани ҷавонони муваққатан бекор, соҳиби шуғл шудани онҳо, муътадил гардондани муҳити нооромӣ оилаҳо, ба роҳи дуруст ҳидоят кардани ҷавонони ба ҷиноят майлдошта азму кӯшиш карда, аз ҷойи кор ва таълимгоҳи онон пайваста хабардор шуданд. Дар натиҷа 522 нафар писару духтарон бо шуғл фаро гирифта, 2647 нафар ба омӯхтани касб ҷалб шуданд, 924 ҷавоне, ки дар рӯйхати профилактика қарор доштанд, аз рӯйхат баромаданд ва ҷамъан 9271 нафар писару духтарон аз тоифаи ҷавонони муаммодор соқит гардиданд.



Бо саъю кӯшиши аъзои «Мактаби бибиҷонҳо» ба 428 муассисаи таълими томактабӣ 1284 модаркалон ҷалб гардиданд.

Ба 464 мактаби таълими умумӣ 1394 нафар, ба 47 омӯзишгоҳи касбу ҳунар 235, ба 11 муассисаи таълими олӣ 55 куҳансол вобаста шуда, корҳои самарабахш ба сомон расиданд. Ҳар ҳафта рӯзҳои панҷшанбе соати «Маърифати куҳансолон» гузаронида, дар онҳо суханронӣ ва панду ҳикмати пирони бобрӯйи ҳудуд шунида шуданд. Ҷавонон ба пурсишҳои худ ҷавобҳои боэътимод гирифтанд.

Мувофиқи барномаи «Аз камбағалӣ ба фаровонҳолӣ» дар нимаи дуюми соли гузашта 1548 нафар куҳансолонро ба 7272 оилаи нодор вобаста намудем. Ба 1530 нафар фаъол мувофиқи шартнома тӯли моҳҳои август, сентябр, октябр, ноябр, дар маҷмӯъ 4 миллиарду 794 миллиону 64 ҳазор сӯм маблағ дода шуд.

Давоми соли гузашта 3869 «Вохӯрии се насл» ба амал омад ва дар он беш аз 66455 нафар иштирок карданд. Дар тадбир зиёиён, кормандони соҳаи маданият ва маънавият, куҳансолоне, ки соҳиби мукофоти давлатӣ шудаанд, ҷавонони фаъолу пешқадам иштирок карданд.

Ба масъалаҳои солимгардонӣ ва истироҳати куҳансолон эътибори ҷудогона дода мешавад. Моҳҳои май-декабри соли 2025 мувофиқи қарори Президент аз 11 марти соли 2023-юм 61 шаҳрванди бесаробон дар сиҳҳатгоҳҳои «Ҷӯйзар» ва «Бухоро» саломатиашонро барқарор карданд. Ба ин мақсад, 152,5 млн. сӯм маблағи шуъбаи вилоятии Бунёди «Нуронӣ» харҷ гардид. Моҳи ноябр дар «Моҳонаи сайёҳии куҳансолон» садҳо шаҳрвандон ба шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд, Хива, Шаҳрисабз ва ба ҷойҳои ҷолиби диққати вилояти худамон сафар карданд.

Аз ҷумла, 100 нафар роҳбари фаъоли гурӯҳи «Машварати пирон» ва аъзои фаъоли «Мактаби бибиҷонҳо», 150 нафар нобино, маълӯл ва собиқадорони ҷанги афғон ба шаҳри Самарқанд саёҳат карданд. Ҳамин тариқ, тӯли сол беш аз 127 ҳазор нафар пирон дар доираи сайёҳии дохилӣ ва 103840 нафар куҳансол ба зиёратгоҳҳо ва ҷойҳои дидании ҷумҳурӣ сафар намуданд. Ба мақсади кӯмакрасонӣ ба куҳансолон аз ҳисоби ҷавонони ташаббускор гурӯҳҳо созмон дода шудаанд, ки дар чараёни ин корҳо мадад мерасонанд. Бо азму кӯшиши куҳансолони фаъол 2738 назорати ҷамоатӣ сурат гирифта, ба шӯроҳои маҳаллии депутатҳои халқӣ 379 масъала ворид карда шуд.

Дар доираи Лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» барои ободкунии қабристонҳо, кӯчаҳои маҳалла, сабзу хуррамгардондани ҳудуд дар қатори «Ҳафтгона»-и маҳалла аъзои гурӯҳи «Машварати пирон» низ иштироки фаъолона доранд.

Танҳо соли гузашта 60 нафар куҳансоли пешқадами вилоят соҳиби нишони сарисинагии «Меҳнат фахрийси» гардиданд.

**– Дар бораи моҳияти қарори муштараки Бунёди «Нуронӣ» ва Иттиҳоди маҳаллаҳои Ўзбекистон чанд сухан мегуфтед.**

– Ин қарори муҳим, ки 30 январи соли ҷорӣ таҳти унвони «Дар бораи таъмин кардани фаъолияти бонизоми ҳамкориҳои раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳалла, мушовири вай оид ба корҳои куҳансолон ва собиқадорони меҳнат – «Ҳафтгонаи маҳалла», гурӯҳи «Машварати пирон» бобати боз ҳам самараноктар ташкил кардани фаъолияти маҳаллаҳо баррасӣ гардид, ҷиҳати болоравии сифати кор аҳамияти махсус дорад. Бояд таъкид намуд, ки моҳияти қарор дар номи он ифода ёфтааст. Он «Ҳафтгонаи маҳалла» ва куҳансолонро водор месозад, ки бобати рӯйи об баровардани орзуву умед, ниятҳои некамон ҳамкорӣ кунанд.

**– Дар соли 2026 чӣ гуна нақшаҳо доред?**

– Дар «Соли рушди маҳалла ва пешрафти ҷамъият» ба мақсади пешбурди чараёни ин корҳо, амалӣ гардондани ислоҳот нақшаи тадбирҳои худро таҳия кардаем. Ба қарибӣ дар ҷамъомади васеъ бо иштироки роҳбарони гурӯҳи «Машварати пирон», «Мактаби бибиҷонҳо» ва куҳансолони фаъол ин нақшаҳоямонро муҳокима кардем. Бурдубохти фаъолиятамон дар соли 2025 таҳлил гардида, роҳҳои бартараф сохтани камбудиҳо муайян карда шуданд. Мақсад гузоштем, ки дар соли 2026 чараёни корҳои маънавию маърифатиро вусъат диҳем. Ният дорем, дар ҳамкорӣ бо ширкати телевизион ва радиои вилоят, воситаҳои ахбори оммавӣ таҳти унвонҳои «Асрори аҳлӣ», «Роҳ сӯйи пирии бадавлат», «Вохӯрии се насл» барномаҳо таҳия намуда, матолибу мақолаҳо интишор созем.

Баробари ин бо мақсади ба ҷавонон нишон додани рӯзгори ибратбахши шахсони обрӯманди вилоят китоби хотиравии «Ситорагони замини Бухоро»-ро ба нашр омода менамоем. Насиб бошад, ин китоб дар арафаи Иди истиқлол дастраси мардум мегардад.

Нақшаҳоямон зиёданд, барои амалӣ шудани онҳо куҳансолони вилоят донишу таҷриба, иқтидору ғайрати кофӣ доранд. Аз ин рӯ, бовар дорем, ки дар соли 2026 комёбиҳоямон боз бештару беҳтар мешаванд.

**– Барои суҳбати муфассал ташаккур.**

– Саломат бошед.

Суҳбаторо

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# МАКТАБИ ЭҶОД: ИБРАТ АЗ ФИКРАТИ ЗУЛФИЯ

***Дар замони муосир, ки ҷаҳон босуръат тағйир меёбад ва иттилоот ҳар рӯз бештар мешавад, ҷомеа ба насли нав на танҳо дониши фаннӣ, балки қобилияти фикр кардан, сухани дуруст гуфтан, равшан баён намудани андеша ва масъулияти каломро талаб мекунад. Маҳз ҳамин сифатҳо инсонро аз як хонандаи одӣ ба шахсияти комил табдил медиҳанд, шахсияте, ки метавонад дар илм, фарҳанг, журналистика, омӯзгорӣ ва идоракунии ҷомеа нақши муассир гузорад.***



Аз ин рӯ, дар низоми таълими Ӯзбекистон мактабҳои эҷодӣ мақоми махсус пайдо карданд. Онҳо на танҳо як муассисаи таълимӣ, балки муҳити фарҳангиву маънавиеанд, ки истеъдодҳоро кашф ва парвариш менамоянд. Дар ин хусус бо ҷонишини директор оид ба корҳои маънавӣ-маърифатии Мактаби эҷодии ба номи Ҳамид Олимҷон ва Зулфия дар шаҳри Ҷиззах **Маъмура ЮСУФОВА** суҳбат оростем.

**– Мақсад аз таъсиси мактабҳои эҷодӣ чист? Онҳо кадом вазифаҳоро бояд иҷро намоянд?**

– Мактаби эҷодии ба номи Ҳамид Олимҷон ва Зулфия мувофиқи қарори Девони Вазирон таҳти рақами 418 аз 23 июни соли 2017 таъсис ёфтааст. Чунин мактаб танҳо номи як ё ду шахсияти адабиро ёд намекунад, балки ба арзишҳои бузурги маърифат, ҳуввият, фарҳанги сухан, ахлоқи эҷодӣ ва рӯҳияи хидмат ба миллат ишора мекунад. Ин ҷо Ҳамид Олимҷон ҳамчун рамзи бедорӣ, донишандӯзӣ ва забондонӣ шинохта мешавад; Зулфия ҳамчун рамзи нозукии эҳсос, устувории қалам, садоқат ба ҳақиқат ва нуфузи зани маърифатпарвар дар ҷомеа. Вақте ки ин ду маъно дар мафҳуми «мактаби эҷодӣ» ҷамъ меоянд, як барномаи тарбия ва рушд шакл мегирад, яъне тарбияи насли соҳибандеша, соҳибкалому худогоҳу соҳибмақсад.

**– Мактаби эҷодӣ аз мактаби маъмулӣ чӣ тафовут дорад?**

– Мактаби эҷодӣ аз мактаби маъмулӣ бо як ҷиҳати асосӣ фарқ мекунад, яъне дар ин ҷо таълим танҳо ба аз ёд кардани маълумот ва супоридани имтиҳонҳо маҳдуд намешавад. Муҳити мактабҳои эҷодӣ бештар ба он равона мегардад, ки хонанда дар худ ҷуръати фикр кардан, фарҳанги баҳс, завқи китобхонӣ ва қобилияти офаринишро парвариш диҳад. Вожа ё истилоҳ дар ин гуна мактабҳо танҳо воситаи гуфтугӯ нест, ҳар як вожа ва ё андеша масъулият аст. Аз ҳамин сабаб, хонанда одат мекунад, ки пеш аз гуфтани сухан андеша кунад, далел биёрад, ба матн эҳтиром гузорад ва ба забон ҳамчун сарвати маънавӣ нигоҳ кунад.

Дар мактаби эҷодӣ китобхонӣ ба ҳадафи зинда табдил меёбад, хонанда китобро барои «баҳо» намехонад, балки барои васеъ кардани ҷаҳонбинии худ, ёфтани оҳанги хоси сухан, барои дарк кардани инсон ва зиндагӣ мехонад. Ин раванд тадриҷан ба фарҳанги навиштан мебарад, хонанда на танҳо шеър ё иншо менависад, балки услуб меофарад, ба интихоб ва вазни калима диққат медиҳад, матнро таҳрир мекунад, фикрро софтар месозад.

**– Доир ба моҳият ва аҳамияти тарбиявии осори Ҳамид Олимҷон ва Зулфия, ки рамзи маърифат ва фарҳанги минтақа мебошанд, чӣ гуфтанӣ ҳастед?**

– Осори адибони номбурда манбаи ибрат барои насли имрӯз ва фардо мебошад. Ҳамид Олимҷон дар ҷаҳонбинии маънавии мардум ҳамчун шахсияти маърифатпарвар ва шоири тавоно шинохта шудааст. Барои хонандаи мактаби эҷодӣ осори Ҳ. Олимҷон пеш аз ҳама як дарси муҳим аст: агар инсон забон омӯзад, китоб хонад, ҷаҳонро бишиносад ва фикри худро равшан баён карда тавонад, ӯ дар ҷомеа таъсиргузор мешавад.

Мактаби эҷодӣ, ки рӯҳи Ҳамид Олимҷонро дар худ таҷассум мекунад, хонандаро ба чанд самти зарурӣ мебарад:эҳтиром ба дониш, тарбияи фарҳанги сухан ва эҳсоси масъулият. Инҳо дар амал чӣ маъно доранд? Хонанда бояд одат кунад, ки суханро беандеша ба забон наорад, хабарро бе санҷиш паҳн накунад, бе далел муҳокима накунад. Ин маънои онро дорад, ки хонанда бояд дарк кунад, забон танҳо воситаи гуфтугӯ нест, балки ойинаи ақлу фарҳанг аст.

Зулфия бошад, натанҳо шоири тавоно, балки мактаби маънавист. Вай дар симои худ нозукии эҳсос, покии ният, ватандорӣ, садоқат ба ҳақиқат ва устувории инсонро гирд овардааст.

Яке аз арзишҳои муҳим дар таҷрибаи Зулфия – пайванди эҷод бо масъулият аст. Шеър ё наср вақте зинда мешавад, ки дар он ҳам эҳсос ҳам фикр, ҳам самимият ва ҳам ҳадаф бошад. Каломи ӯ нишон медиҳад, ки эҷод танҳо ороиши сухан нест, эҷод муносибати бе восита ба зиндагист. Аз ҳамин сабаб, номи ӯ дар мактаби эҷодӣ ҳамчун



«ифтихор» садо медиҳад: ифтихори зан дар фарҳанг, ифтихори калом дар ҷомеа, ифтихори шахсият дар назди таърих.

**– Қабули донишомӯзон ба мактаби эҷодӣ чӣ гуна сурат мегирад, кадом имконот барои рушду камоли минбаъда мавҷуд аст?**

– Қабули хонандагон ба мактабҳои эҷодӣ, одатан, тавассути низоми муайяни интихоби довталабон амалӣ мегардад. Толибилмон пас аз хатми синфи шашум, супоридани тест ва гузаштан аз суҳбат, ба синфи ҳафтум қабул карда мешаванд. Ин раванд дар худ ду паём дорад. Паёми аввал – имконият, ҳар хонандаи боистеъдод метавонад ба муҳите ворид шавад, ки истеъдодашро рушд медиҳад. Паёми дуюм – масъулият, чунин мактаб аз хонанда танҳо ҳузур дар синфро намехоҳад, балки меҳнат, интизом, китобхонӣ ва ҷиддият талаб мекунад.

Аз таҷриба маълум аст, ки дар муҳити мактабҳои эҷодӣ хонандагон ба равандҳои гуногуни фаъолият омода мешаванд, яке ба адабиёт ва филология меравад, яке ба журналистика, касе ба омӯзгорӣ, нафаре ба корҳои ҷамъиятӣ ва идоракунӣ. Аммо дар ҳамаи ин роҳҳо як чиз умумӣ мемонад: шахс бояд суханро дуруст истифода барад, фикри худро равшан баён кунад, аз китобу маърифат дур нашавад. Ин аст, ки мактаби эҷодӣ, дар асл, «мактаби зиндагӣ» мешавад.

Дар мактаби эҷодии ба номи Ҳамид Олимҷон ва Зулфия дар шаҳри Ҷиззах хобгоҳ барои 200 нафар, ошхонаи муҷаҳҳаз бо талаботи муосир амал мекунанд. Дар ҳар гурӯҳ 20 нафар донишомӯз таҳсил мегирад. Фаъолияти беш аз 8 маҳфил ба роҳ монда шудааст, ки донишомӯзон дар онҳо тибқи хоҳиш иштирок мекунанд.

**– Муҳити омӯзгорӣ дар мактаби эҷодӣ чӣ гуна аст? Дар бораи дастовардҳо маълумот медодед.**

– Ҳар як низоми таълимӣ аз устодонаш қувват мегирад. Дар мактабҳои эҷодӣ устод на танҳо дарс медиҳад, балки роҳнамоӣ мекунад, илҳом мебахшад, матнро таҳлил мекунад, ба хонанда тарзи дуруст фикр карданро меомӯзонад. Муҳокимаҳои эҷодӣ, маҳфилҳои адабӣ, вохӯриҳо бо адибон ва «дарсҳои маҳорат», сайру сайёҳат ба шаҳрҳои қадимаи диёр хонандаро ба адабиёти зинда наздик мекунанд. Хонанда дарк мекунад, ки адабиёт танҳо дар китоб нест, адабиёт дар гуфтугӯ, дар баҳс, дар тарзи дидан ва баён ҳам ҳаст.

Ин гуна муҳит одатан ба натиҷаҳои мушаххас меорад, хонандагон дар эҷод таҷриба мегиранд, асарҳо таҳия мекунанд, дар чорабиниҳо иштирок менамоянд, баъзеҳо китоб ва ё маҷмӯаи эҷодии худро омода месозанд ва муҳимтар аз ҳама, ба худ боварӣ пайдо мекунанд. Агар хонанда эҳсос кунад, ки сухани ӯ арзиш дорад, ӯ дар оянда низ аз роҳи маърифат дур намемонад.

Айни замон дар мактаби эҷодӣ 35 нафар омӯзгорон фаъолият доранд, ки 16 нафари онҳо дорои тоифаи олӣ буда, 6 нафар тоифаи якуми ихтисосӣ доранд. 5 нафар омӯзгор машғул ба тадқиқоти илмӣ буда, мақолаҳои 30 нафар омӯзгор дар матбуоти Ӯзбекистон ва мақолаҳои илмии 25 нафар дар маҷаллаҳои байналмилалӣ ба чоп расидаанд.

Ҷамоа аҳл бошад, кор саҳл аст, гуфтаанд. Дастовардҳои ҷамоаи мактаби эҷодӣ аз солҳои аввали фаъолият самараи худро дод. Дохилшавии аввалин хатмкунандагони мактаб дар соли 2021 ба донишгоҳҳо 100 фоизро ташкил дод. Ин анъана то ба имрӯз давом дорад. Аллакай, дар соли хониши равон 9 нафар донишомӯзони мактаби эҷодӣ бо гирифтани 189 холи максималӣ муяссар гардида, донишҷӯйи донишгоҳҳо гардиданд.

Фаъолияти эҷодии донишомӯзон низ хуб аст. То ба имрӯз нахустин маҷмӯаҳои шеърии 15 нафар донишомӯзон нашр гардиданд. 6 китоб бо ҳомигии ҳокимияти вилоят дар «Фонди эҷод»-и Иттиҳоди нависандагони ҷумҳурӣ нашр гардид. Намунаҳо аз эҷодиёти донишомӯзон мунтазам дар маҷмӯаи дастҷамъии «Гулдастае аз боғи эҷод» ба чоп мерасанд.

Мактабҳои эҷодӣ имрӯз барои ҷомеа сармояи маънавӣ ба ҳисоб меравад. Онҳо ҷавононро ба китобу калом наздик мекунанд, истеъдодҳоро парвариш медиҳанд ва шахсиятҳои соҳибандеша месозанд.

Миллате, ки каломаш зинда аст – руҳаш зинда мемонад. Наслеро, ки суханаш пок аст,ояндааш равшан хоҳад буд.

Ва шояд муҳимтарин дарс ҳамин бошад: мактаби эҷодӣ барои он аст, ки хонанда «сухан» дошта бошад, сухани рост, сухани равшан, сухани масъулиятнок.

Суҳбатнигор
**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Дар кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи факултаи филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Тирмиз бо ташаббуси шуъбаҳои вилоятии Маркази таҳлилии ҷараёнҳои демократӣ ва Фонди ҷамоатии дастгирии институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳузури Олий Маҷлис таҳти мавзӯи «Фаъолияти марказҳои милливу фарҳангӣ ва нақши онҳо дар рушди таҳаммулпазирии байни миллатҳо» суҳбати мизи мудаввар баргузор шуд.***

# БАРРАСИИ НАҚШИ МАРКАЗҲОИ МИЛЛИВУ ФАРҲАНГӢ ДАР ТАҲАММУЛПАЗИРӢ

Дар чорабинӣ мутасаддиён, намояндагони марказҳои милливу фарҳангии тоҷикони вилоят ва навоҳии Бойсун, Деҳнав, Сариосиё, Узун, марказҳои милливу мадании рус, туркман ва мултонӣ-лӯлӣ, инчунин устоду шогирдони кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқ, намояндагони ВАО ширкат варзиданд.

Суҳбати мизи мудавварро роҳбари шуъбаи вилоятии Маркази таҳлилии ҷараёнҳои демократӣ Зебунисо Алимардонова ҳусни ифтитоҳ бахшида, зикр кард, ки нақши институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ӯзбекистон баҳри бунёди ҷамъияти ҳуқуқбунёду демократӣ беқиёс аст ва дар ин самт фаъолияти босамари марказҳои миллӣ-маданӣ низ шоистаи таҳсин мебошад. Таъкид кард, ки Ӯзбекистон давлати сермиллат буда, имрӯз ҳамаи халқу миллатҳои сокуни он аҳлона, дӯстона, бо ҳамгироиву ҳамбастагӣ зери ливои дӯстӣ осуда зиндагӣ доранд.

Раиси шуъбаи вилоятии Фонди ҷамоатии дастгирии институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ Нуриддин Ҷумъаев дар мавзӯи «Дастгирӣ намудани марказҳои милливу фарҳангӣ – омили таҳкими ҳурмати байниҳамдигарӣ ва ҳамҷиҳатӣ дар ҷамъият» баромад кард ва таъкид намуд, ки имрӯзҳо фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлатию ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла, марказҳои милливу фарҳангӣ хеле босамар буда, дар баргузории ҳар як чорабиниву ҷашнҳои миллӣ саҳм мегузоранд. Фаъолияти марказҳо ҳоло хеле беҳтар шуда, аъзо ва фаъолон барои ҳифзи мероси фарҳангӣ ва арзишҳои миллӣ пайваста талош менамоянд. Дастгирии ҳукумат ва Фонди ҷамоатӣ низ дар фаъолияти босамари онҳо қобили қайд буда, ҳар сол барои фаъолияти босамари онҳо чандин грантҳо ҷудо карда мешавад.

Раиси Маркази милливу фарҳангии тоҷикони вилояти Сурхондарё, профессори кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи донишгоҳ Рамазон Абдуллоев зимни суханронӣ таъкид кард, ки ҳама халқу миллатҳои маскуни Ӯзбекистон дар фазои озоду ором чун дӯсту бародар, баробарҳуқуқу таҳаммулпазирона умр ба сар мебаранд. Ин ҳама дар партави сиёсати оқилона ва одилонаи Сарвари кишвар сурат мегирад. Вале мутаассифона, бо айби бархе ашхос баъзе ҳолатҳои нохуш ҳам ба чашм мерасанд, ки дилхиракунандаанд.

Муовини раиси Маркази милливу фарҳангии тоҷикони ноҳияи Бойсун Кароматулло Каримов зимни баромад таъкид кард, ки дар деҳаи Дарбанд саросар тоҷикон умр ба сар мебаранд ва аз байни онҳо маорифпарварону маърифатдӯстони зиёд ба камол расидаанд, ки дар рушди соҳаи илму маърифати вилоят саҳми шоиста гузоштаанд. Пештар дар мактаби деҳа забони таълим тоҷикӣ буд, вале мутассифона, солҳои охир чунин мактабҳо кам мешаванд.

Инҷониб низ ба сухан баромада изҳори қаноатмандӣ намудам, ки сари масъалаи мактабу маориф бояд амиқтар андеша кард, чора ҷуст.

Дар идома дар бораи як қатор мушкилоти соҳа, чун кам гардидани теъдоди мактабҳои тоҷикӣ, мавҷуд набудани баъзе самтҳои тоҷикӣ дар муассисаҳои таълими олӣ ва боиси эътирози падару модарон гардидани он, аҳамияти донишандӯзӣ бо забони модарӣ ҷиҳати аз худ кардани дарсҳо, норасоии китобҳои дарсиву бадеӣ мулоҳизаҳои хешро баён кардам ва таъкид намудам, ки вақте сухан дар бораи тақдири фарзандонамон –ояндаи Ӯзбекистони Нав меравад, бояд аз ин камбудиҳо чашм напӯшем, рӯшод баён созем, роҳи ҳалли онҳоро ҷустуҷӯ намоем.

– Набудани кӯдакистонҳои бачагона дар деҳаҳои тоҷикнишин масъалаи мубрам аст, – иброз дошт муовини Маркази милливу фарҳангии тоҷикони ноҳияи Деҳнав Саъдулло Зиёев. – Ман дар деҳаи тоҷикнишини Синаи ноҳия зиндагӣ мекунам. Барои фарзандони мо дар деҳа кӯдакистонҳо бо забони таълими тоҷикӣ вуҷуд надоранд. Кӯдакон таҳсили томактабиро ба забони давлатӣ фаро гирифта, сипас таҳсилро дар мактабҳои тоҷикӣ идома медиҳанд. Ва ин ҳолат дар раванди омӯзиш барои онҳо мушкилоти муайян ба миён меорад. Хуб мешуд, ки мутасаддиён ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, барои ҳалли он чораҳои амалӣ андешанд.

Раиси Марказҳои миллӣ-мадании рус Н.Фёдорова, раиси Маркази миллӣ-мадании мултонӣ-лӯлӣ Ф.Тӯраев низ дар мавриди масъалаҳои матраҳшуда ва мушкилоти мавҷудбудаи худ ибрози назар карданд.

Дар анҷом роҷеъ ба мизону меъёрҳои демократия аз ҷониби нотиқону музокирачиён андешаҳои ҷолиб ва таҳлилҳои мушаххас иброз гардиданд. Суҳбати мизи мудаввар дар фазои ошкорбаёнӣ ва шаффофият баргузор шуда, иштирокдорон масъалаҳоро озодона баррасӣ намуданд. З.Алимардонова низ вобаста ба мавзӯъҳои баррасишуда андешаҳои худро баён намуда, таъкид кард, ки барои расонидани пешниҳодҳо ба мутасаддиён ва мусоидат дар ҳалли масъалаҳо кӯмак хоҳанд кард.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

***Дар асоси сиёсати халқпарварона, принсипҳои ошкорбаёнӣ ва шаффофият, ки аз ҷониби Президент пешбарӣ мегардад, таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ ва расонидани иттилои фаврию боэътимод ба аҳолӣ яке аз вазифаҳои афзалиятнок муайян гардидааст.***

# МОШИНҲОИ ХИДМАТӢ СУПОРИДА ШУДАНД

Дар доираи тадбирҳо дар ин самт, бо ташаббуси ҳокими вилояти Сурхондарё ба роҳбарони хадамоти иттилоотии ҳокимиятҳои шаҳру ноҳияҳо – мушовирон оид ба забони давлатӣ мошинҳои хидматӣ супорида шуд.

Ин иқдом барои боз ҳам самаранок ташкил намудани фаъолияти хадамоти иттилоотӣ дар минтақаҳо мусоидат мекунад. Он имконият фароҳам меорад, ки иттилооти саривақтӣ ва беғараз дар бораи ислоҳоти амалишаванда, лоиҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва раванди баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон омода ва пешниҳод гардад.

Акнун намояндагони хадамоти иттилоотӣ метавонанд бештар ба маҳаллҳо бароянд, муколамаи ошкоро бо ҷомеаро тақвият диҳанд ва вазифаҳоро дар самти таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ беш аз пеш амалӣ намоянд.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# АГЕНТИИ АРЗЁБИИ ДОНИШ ВА ТАХАССУС: ҚАДАМИ УСТУВОР БА СӮЙИ ТАЪЛИМИ ШАФФОФ ВА ОДИЛОНА

***Дар кишвари мо соҳаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, касбӣ ва таҳсилоти олӣ босуръат рушд мекунад. Дар 2 соли охир якчанд қарори роҳбари давлат ва ҳукумат дар бораи омӯзиши забонҳои хориҷӣ, оммавӣ кардани онҳо ва ҷорӣ намудани имтиёзҳо барои дохил шудан ба таҳсилоти олӣ қабул гардиданд.***

Имрӯзҳо дар шароити болоравии талабот ба сифати таҳсилот, нақши сохторҳои мустақили арзёбӣ бештар мегардад. Агентии арзёбии дониш ва тахассус ҳамчун ниҳоди калидӣ дар самти санҷишу баҳогузорӣ ва таъмини шаффофияти низоми қабул ба муассисаҳои таълимӣ фаъолият мебарад.

Дар Маркази матбуоти миллӣ бо иштироки Агентии арзёбии дониш ва тахассус нишасти матбуотӣ баргузор гардид.

Дар чорабинӣ муовини директорӣ Агентӣ Фарҳод Мирзоев дар бораи натиҷаҳои соли 2025 ва навовариҳои соҳа маълумоти муфассал пешниҳод кард.

Дар соли 2025 Агентӣ тақрибан 50 намуди имтиҳонҳоро баргузор кард. Дар ин равандҳо беш аз 1 миллиону 800 ҳазор довталаб иштирок карданд. Ин нишондиҳандаҳо сатҳи баланди эътимод ва талаботро ба система нишон медиҳад. Ҳамчунин соли гузашта 111,057 нафар довталаб бо шаҳодатнома аз фанҳои таҳсилоти умумӣ ва 62,179 довталаб бо шаҳодатнома аз фанҳои забони хориҷӣ ҳуҷҷат пешниҳод карданд, ки нисбат ба соли 2024 ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Барои арзёбии сатҳи дониши забонҳои хориҷӣ аз 15 фанни забони хориҷӣ имтиҳонҳои тахассусӣ гузаронида шуданд. Соли таҳсили гузашта дар 65 бино дар муддати 10 рӯз барои гузаронидани имтиҳонҳо шароити мусоид муҳайё гардид.

Тақрибан 45 000 супориши тестӣ аз 15 фанни таълими умумӣ, зиёда аз 4 000 тест ба забонҳои шарқ, инчунин забонҳои испанӣ ва итолиёвӣ, зиёда аз 17000 супориши тестӣ аз 35 фанни махсус таҳия ва санҷида шуданд. Таҳлили омории тақрибан 150 варианти санҷишӣ дар асоси назарияҳои санҷиши классикӣ ва муосири тестгузорӣ анҷом дода шуд.

Аз ҷониби Агентӣ намудҳои зерини имтиҳонҳои эътирофшудаи байналмилалӣ – Cambridge Engelsh Qualifications, Cambridge Teaching Qualifications, TOEFL, iBT, iTEP Akademie, O[ford Test of English, SAT, DELTA, CELTA гузаронида мешавад

Агентӣ дар тӯли фаъолияти худ бо як қатор созмонҳои эътирофшудаи байналмилалӣ, аз ҷумла, «Press and Assessment University Cambridge», «Oxford AQA international Qualifications», Маркази миллии STEM дар донишгоҳи Йорк, Маркази имтиҳони Озорбойҷон, Маркази миллии тести Тоҷикистон, Қазоқистон ва дигар созмонҳои бонуфуз ҳамкорӣ мекунад.

– Конфронси байналмилалие, ки аз ҷониби Ангентӣ бо шарикони байналмилалӣ баргузор гардид, як марҳилаи муҳим барои рушди фаъолият буд. Чорабинӣ дар мавзӯи «Усулҳои назариявӣ ва амалӣ барои арзёбии дониш ва малакаҳо» ташкил шуда, тақрибан 30 намояндаи созмонҳои бонуфуз иштирок карданд. Дар ин чорабинӣ мо бо таҷрибаҳои байналмилалие, ки барои мо муҳиманд, шинос шудем, ҳамкорӣ ва вазифаҳоиояндаро муайян кардем, – гуфт ҳангоми суханронӣ роҳбари Депертаменти Агентӣ Ҷ. Нурматов

Дар чорабинӣ мутахассисони соҳа оиди навоварӣ ва тағйиротҳое, ки дар соли 2026 анҷом дода мешаванд, маълумот доданд. Аз рӯйи маълумотҳо баргузории имтиҳонҳои зиёде, аз ҷумла гузаронидани имтиҳонҳои миллии сертификатсия барои тақрибан 500 ҳазор довталаб барои арзёбии сатҳи дониш аз 9 фанни таҳсилоти умумӣ (биология, кимиё, математика, физика, таърих, ҷуғрофия, забони модарӣ, забони русӣ ва қароқалпоқӣ) дар назар аст.

Ташкил ва баргузории имтиҳонҳои қабули тақрибан 650 ҳазор нафар довталаб барои гирифтани дараҷаи бакалавр ба роҳ монда мешавад.

Ҷорӣ намудани формати бисёрсатҳаи (Мулти-левел) арзёбии дониши забонҳои хориҷӣ барои ҳамаи забонҳо, чинӣ, форсӣ, дарӣ, пашту, урду, ҳиндӣ, уйғурӣ, куриёӣ, ҷопонӣ, испанӣ ва итолиёвӣ низ ба нақша гирифта шудааст.

Инчунин таъкид гардид, ки бо ҷорӣ намудани имтиҳонҳои марказонидашуда ва технологияҳои рақамӣ, имконияти дахолати инсонӣ коҳиш ёфта, натиҷаҳо дақиқ ва одилона мегарданд.

Тағйироту навовариҳои пешниҳодшуда барои тақвияти минбаъдаи низоми шаффоф, одилона ва муосири баҳодиҳӣ заминаи боэътимод фароҳам меоваранд.

**М. МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

## БИНОИ НАВ БА ИСТИФОДА ДОДА ШУД

***Дар маркази ноҳияи Қизилтепа бинои нави стансияи ёрии таъҷилии тиббӣ ба истифода дода шуд.***

Бинои нав бо услуби замонавӣ бунёд гардида, мушкили мардум осон ва хидматрасонӣ ба беморон қулай имконпазир гардид. Бунёд ва ба истифода супоридани бинои нав имкон медиҳад, ки ба 166 ҳазор нафар шаҳрвандон зуд ва босифат ёрии тиббии таъҷилӣ расонида шавад.

Бино аз ду ошёна иборат буда, ба ҳисоби 1 миллиарду 396 миллион сӯм маблағи «Буҷаи ташаббус», ки шаҳрвандон зимни овоздиҳӣ ба даст овардаанд, бунёд гардид. Ин ҷо барои кормандони тиббӣ ва беморон шароит ва имкониятҳои мусоиди қабули беморон ва расонидани ёрии аввалин муҳайё гардидааст.

Стансия бо маҷмааи телекоммуникатсионӣ ва интернет, инчунин таҷҳизоти шабакаҳои алоқаи доимӣ ва техникӣ таҷҳизонида шудааст. Барои воситаҳои нақлиёти тиббӣ истгоҳи алоҳидаи майдони мошинҳо сохта шудааст.

Бригадаҳои ёрии фаврӣ бо компутер ва планшетҳо пурра таъмин шудааст. Бо ҷорӣ гардидани маҷмааҳои автоматикӣ вақти расидан ба ҷойи ҳодиса барои бригадаҳои ёрии тиббии таъҷилӣ аз 25-30 дақиқа то 10-15 дақиқа коҳиш ёфт.

Бояд таъкид намуд, ки дар давоми 8 соли охир дар ноҳия шумораи марказҳои хидмати ёрии таъҷилии тиббӣ аз 818-то ба 1 680 ва бригадаҳои ёрии тиббии фаврӣ аз 1 648 ба 2 865-то афзудааст. Ин навсозӣ қадами муҳим барои беҳтар кардани хидматрасонии тиббии фаврӣ дар минтақа мебошад. Ҳар як ислоҳот ва навсозию бунёдкорӣ дар кишвар ба манфиати халқ, барои осудагиву осоиштагӣ ва фаровонии мардум нигаронида шудааст.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

## НАРХҲОИ АРЗОН БА МУНОСИБАТИ РАМАЗОН

***Сарвари давлатамон ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон таъкид намуданд, ки дар бозору дӯконҳои савдо нарху навои маҳсулоти озуқаворӣ боло наравад, шахсони камбизоат ва аҳолии ниёзманди ҳифзи иҷтимоӣ дастгирӣ шаванд.***

Имрӯз дар тамоми шаҳру ноҳияҳои вилояти Самарқанд дӯконҳои маводи озуқаворӣ бо нарху навои арзон ташкил ёфта, барои назорати қатъӣ шахсони масъул ва идораҳои дахлдор вобаста шудаанд.

Хосатан аз таъмини устувории, нархи маводи ғизоӣ дар деҳқонбозори Сиёби шаҳри Самарқанд, ноҳияҳои дурдасти Пахтачӣ, Қӯшработ ва Нуробод табъи аҳолӣ болида аст.

Яке аз соҳибкорони ноҳияи Ургут дар арафаи моҳи шарифи Рамазон тӯйи сунматии 25 оилаи камбизоатро ташкил карда, соҳиби ҳурмату эҳтиром ва дуои хайру неки мардум шуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

*1-уми март – зодрӯзи Шоири халқии Ӯзбекистон Зулфия*

## САРОЯНДАИ САДОҚАТ ВА ВАФО

Шиносоии мо бо шоира Зулфия Исроилова дар солҳои донишҷӯйӣ сурат гирифта буд. Дугонаам Юлдуз сабабгори шиносоии мо гардида буд.

Ба сабаби қаробати эҷодии ду шоири барҷастаи адабиёти ӯзбек – Зулфия Исроилова ва Шоири халқии Ӯзбекистон Тӯра Сулаймон, ки мисли бародару хоҳарон буданд, духтари ӯ – Юлдуз ҳангоми таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Тошканд (ҳоло донишгоҳи миллӣ) дар оилаи Зулфия зиндагӣ мекард.

Аз ин рӯ, Юлдуз эҷодкорони барҷаставу номдорро аз наздик мешинохт. Дар давраи ҳамкурсон мавзӯи суҳбати мо асосан дар бораи Зулфия буд. Ҳама ба дугонаам ҳавас мекарданд.

Зулфияхонум аз Юлдуз борҳо хоҳиш кардааст, ки дугонаҳои қаринашро ба меҳмонӣ даъват кунад. Рӯзе дугонаам ману Гулсунро ба хонаи шоир даъват кард. Албатта, вохӯрӣ бо шоири халқӣ, шахси машҳуре, ки мардум арҷ мегузоранд, барои мо – донишҷӯёни одӣ хушбахтии бузург буд. Вақте ба хонаи онҳо рафтем, зани хоксору самимӣ, ки дар бар либоси одӣ дошт, пешвоз баромада моро ба оғӯш гирифт.

– Дугонаҳои наздиктарини ман Шоҳида аз Наманган ва Гулсун аз Бухоро, – моро муаррифӣ кард Юлдуз.

– Илоҳо ба дӯстиатон чашм нарасаду бардавом бошад, – гуфт шоир ва давом дод:

– Юлдуз, Шоҳида, Гулсун, бигузор, мисли гул шукуфон бошанд. Мана шеър ҳам тайёр, – гуфту хандид ва бори дигар самимона оғӯш кард. Беихтиёр мавзӯи суҳбати мо ба адабиёт ва шеърият пайваст...

Вохӯрии аввал дар мо таассуроти фаромӯшнопазир гузошт. Махсусан, барои мо – духтарони деҳа як вохӯрии ҳаяҷоновар буд. Чунин вохӯриҳои хотирмон бештар ба вуқӯъ мепайваст.

Роҳбари собиқи шуъбаи Осорхонаи давлатии таърих ва фарҳанги Ӯзбекистон дар вилояти Ҷиззах Юлдуз Бегалиева (ҳоло дар нафақа) на танҳо бо тақозои касб тарғибгари адабиёт аст, балки шахси наздиктарини Зулфияхонум низ маҳсуб мешавад. Ӯ дар бораи шоира хотираҳои зиёд дорад. Ва хостем чанде аз онҳоро пешкаши хонандагони рӯзнома намоем.

– Ман аз он хушбахтам, ки солҳои 1984-1988 бо Шоири халқии Ӯзбекистон, сарояндаи вафодорӣ ва садоқат – Зулфия Исроилова дар як хона зиндагӣ кардам, – мегӯяд Юлдуз. – Бисёр вақт дар бораи адабиёт ва шеър суҳбат мекардем. Ӯ дар бораи Ҳамид Олимҷон бо ҳиссиёти баланд ҳарф мезад. Хислатҳои хуби шоирро ба ёд меовард. Шоира аз вохӯрию чорабиниҳои эҷодӣ бе гулдаста барнамегашт. Шогирдон ҳамеша бо гулдаста ба хонааш меомаданд. Зеро ҳама медонистанд, ки ӯ гулро дӯст медорад.

Шоир боз як фазилати ибратпазир дошт. Қабри шавҳараш – Ҳамид Олимҷонро, ки дар маркази Тошканд – хиёбони назди Осорхонаи санъати Ӯзбекистон воқеъ буд, бо гулдастаҳо зиёрат мекард: гулҳои зеботарини хонаро интихоб менамуд. Шоир ба курсӣ ором менишасту ба дарёи хаёлот ғарқ мешуд. Хаёлан бо ӯ суҳбат мекард. Ман дарди дили ӯро намефаҳмидаму ҳайрон мешудам: «Охир шавҳараш ӯро намешунавад-ку...»



Солҳо гузашт. Калон шудаму ҳолати Зулфияро фаҳмидам. Акнун донистам, ки зани солхӯрда муҳаббати худро нисбат ба шавҳараш бо гулҳо ифода намуда, бо рӯҳи Ҳамид Олимҷон суҳбат мекардааст.

Ҳарчанд Ҳамид Олимҷон ҳамагӣ 35 сол умр дид, аммо шеърҳояш зиндагии ӯро идома медиҳанд, ба суруд табдил ёфта, танин меандозанд.

Дар хотир дорам, тобистони соли 2019 нависандаи машҳур, муаллифи асари «Қатлнома» Набиҷон Боқӣ ҳамроҳи олими этнографи турк Мурод Эрхун аз шуъбаи Осорхонаи давлатии таърих ва фарҳанги кишвар дар вилояти Ҷиззах боздид кард.

Меҳмонон ҳар як экспонати ду шоири бузургро бо шавқ аз назар гузарониданд. Чашми меҳмон ба байте, ки дар як кунҷи сурати калони ин ду ҷуфт навишта шуда буд, афтод ва бо овози баланд қироат кард:

*Энг гуллаган ёшлик чоғимда,*
*Сен очилдинг, кўнгил боғимда.*
*Шунда, кўзим кўрди баҳорни,*
*Шунда, қалбим таниди ёрни...*

Меҳмон ҳайратașро пинҳон дошта натавониста, гуфт: «Охир, ин суруди дӯстдоштаи ҷавонони турк аст. Онҳо ҳамеша ин сурудро месароянд. Офарин, тасанно!...» ва ба дӯсташ занг зада гуфт, ки матни ин сурудро шоири бузурги ӯзбек – Ҳамид Олимҷон навиштааст.

Дар ҳақиқат, шеъру суруди хуб на танҳо ба як миллат, балки ба аҳли башар тааллуқ дорад...

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**узви Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон.**

## ҚАДРДОНИ БОЗИИ ФУТБОЛ

Ба бозии футбол шавқ доштани ҳар писарбача як ҳолати табиист. Дар наврасӣ баробари бо футболбозӣ гузаронидани вақти холии худ ба «Пахтакор», ки дар лигаи олии мамлакат номнавис буд, дилбастагӣ доштем. Бозиҳои ин даста дар Тошканд аз тариқи телевизион намоиш дода мешуданд. Пирӯзиҳои «Пахтакор» ба ҳаводорон ҳисси нишот бахшида, нокомиҳояш изтиробангез буданд. Баробари ному фамилияи бозингарони «Пахтакор» исми шарифи Ахбор Имомхӯҷаев, ки шореҳи футбол буд, аз бачагӣ ба қалбамон шинос. Чунин ба назар мерасид, ӯ натанҳо ҷараёни бозиро шарҳ медиҳад, балки баробар бо мухлисон ба ҳаяҷон меояд, кӯдаквор шод ё ғамгин мегардад.



Аз байн солҳои зиёд гузаштанд, аммо бозиҳои дурахшони «Пахтакор» ҳанӯз дар пеши назар меистанд. Номи бисёр бозингарони онсолаи даста – Геннадий Красницкий, Владимир Фёдоров, Михаил Ан, Юрий Пшеничников... дар дилҳо боқӣ мондааст. Хушбахтона, бархе аз ситорагони даста, аз ҷумла Бародар Абдураҳимов, Тӯлаган Исҳоқов ва Владимир Хадзипанагис имрӯз ҳам дар қайди ҳаётанд ва онҳоро метавон афсонаҳои зиндаи «Пахтакор» номид. То солҳои наздик шореҳ Ахбор Имомхӯҷаев низ дар байни мо буд. Агар ҳаёт мебуд, ба синни 90 мерасид...

Соли 1960 «Пахтакор» ба лигаи олӣ роҳ ёфт. Дар бозии аввалини онсолаи худ муқобили ЦСКА (Маскав), 20 апрел дар Тошканд ба вуқӯъ пайваст, ба ҳисоби 3:2 ғалаба кард. Ҳар се голи «Пахтакор»-ро Геннадий Красницкий зад.

Он аввалин бозие буд, ки телевизиони Ӯзбекистон бевосита намоиш дод ва шарҳи он ба ӯҳдаи Ахбор Имомхӯҷаев буд. Шарҳи ӯ бо садои мутантан ин тавр оғоз ёфт: «Диққат намоед, аз стадиони «Пахтакор»-и Тошканд гап мезанем!..»

А. Имомхӯҷаев ба шореҳӣ чӣ тавр муяссар гашт?

Соли 1956 «Пахтакор» арзи ҳастӣ намуд. Стадион низ ҳамон сол сохта шуд. Барои шореҳон озмун эълон намуданд. 26 нафар дар он иштирок карда бошанд, аз рӯи забони русӣ ба Роман Турпишев, аз рӯи забони ӯзбекӣ ба Ахбор Имомхӯҷаев пирӯзӣ насиб гардид.

Худи ҳамон сол «Пахтакор» дар стадиони худ клуби «Спартак»-и Ереванро қабул намуд. Дебюти А. Имомхӯҷаев ба ҳамон бозӣ рост омад ва вай ба фаъолияти шореҳӣ шурӯъ сохт. Дар ин кор ба ӯ яке аз асосгузорони мактаби наттоқӣ Турғуной Собирова, ба Роман Турпишев бошад, диктори номӣ Алберт Азарян устодӣ кардаанд.

Рафти бозиҳои «Пахтакор» дар сафар аз тариқи радиои Ӯзбекистон пахш мешуданд. Имохӯҷаев ҳамроҳ бо Турпишев ба Маскав, Санкт-Петербург, Минск, Киев, Боку, Тбилиси, Ереван ва Олмаато сафар карда, мусобиқаҳоро аз ҷойи ҳодиса шарҳ медод. Ҳар як қувваcанҷӣ ба таври фаромӯшнопазир сурат мегирифт.

Мухлисон зӯрозмоиҳои «Пахтакор» ва «Динамо» Киевро, ки ҳамеша шадид ва тезутунд сурат мегирифтанд, бо қалби пурҳаяҷон тамошо мекарданд. «Динамо» (К) яке аз пурзӯртарин тимҳо дар Аврупо низ ба шумор мерафт. Бисёр вақт мешуд, ки дастаи мо ба рақиби пурнуфузаш пирӯз ояд ва ин барои ҳаводорон тӯйи ҳақиқӣ мешуд. Имомхӯҷаев ашки шодӣ мерехт. Аммо, мутаассифона, ашки талхи ӯро низ дидаанд қарибонаш: «Пахтакор» августи соли 1979 ба таври фоҷиавӣ ҳалок шуд...

Ахбор Имомхӯҷаев дар баробари шореҳӣ ба баъзе бозиҳо доварӣ низ кардааст.

«Вохӯрии рафиқонаи «Пахтакор» ва ҷамоаи яккачини собиқадорони собиқ иттиҳодро асло фаромӯш намекунам, дар ду кунҷ Шокир Исмоилов ва Анатолий Беляков ба ман кӯмак мекарданд», мегуфт вай.

Дар ин бозӣ ситораи футболи шӯравӣ Эдуард Стрелтсов низ тӯбронӣ карда буд. Мусобиқа ба ҳисоби 1:1 анҷом ёфт.

Ахбор Имомхӯҷаев соли 1958 бо Фарида ном духтар хонадор гардид. 40 сол ба як болин сар ниҳоданд. Панҷ нафар фарзандро тарбия карданд. Маълум, ки ҳалқаҳое, ки рамзи Олимпиадаанд, панҷто мебошанд (асосгузори эмблема барон Пьер Де Кубертен). Ахборака бо ифтихор номи фарзандонашро ба даруни ҳалқаҳо сабт мекард. Афсӯс, духтари хурдиаш Олия барвақт зиндагиро тарк кард. Доғе монд дар дили Ахборака.

Писарҳояш Аброр ва Зафар, наберааш Диёр дар мактаби журналистикаи футбол таълим гирифтанд. Зафар имрӯз котиби матбуоти КМО.

Худи ӯ солҳои 1954-1956 дар омӯзишгоҳи омӯзгории вилояти Тошканд таълим гирифта ва чанд сол дар дабистон омӯзгорӣ карда буд. Баъдтар дар Институти тарбияи ҷисмонии Тошканд хонд ва онро соли 1963 хатм намуд. Геннадий Красницкий, Владимир Шерн, Ҳамид Раҳматуллоев ва Мақсуд Шарипов барин футболбозҳои номвар дӯстон ва ҳамсабақон дар давраи донишҷӯияш буданд.

Баъди соҳиби маълумоти олӣ шудан дар дабистони таълими умумии рақами 83-юми ноҳияи Зангиота аз фанни тарбияи ҷисмонӣ дарс дод. Пасон ӯро ба институт таклиф карданд. Дар муассисаи олӣ аз футбол сабақ дод...

Соли 1980 бо ташаббуси як қатор дӯстонаш, ки акнун собиқадор буданд, «Тонг» ном ҷамоаи футбол ташкил карда шуд. Дар тим баробари ҳаваскорон Баҳодур Иброҳимов, Станислав Стадник барин футболбозони машҳур тӯб мерониданд. Баъдтар Бародар Абдураҳимов, Амон Тағоймуродов, Фарҳод Тӯймуродов, Темур Крюк, Алишер Мадраҳимов, Козим Қаюмов барин шахсони маъруф ба ҷамоа ҷалб гардиданд.

Ахбор Имомхӯҷаев асосан ҳакамӣ менамуд. Имконият фароҳам ояд бозӣ ҳам мекард.

Шореҳи куҳансоли футбол қалами хуб низ дошт, мақолаҳо менавишт. Вай дар озмуни «Олтин қалам» ғолиб дониста шуд. Китобҳояш «Футбол хурсандиам, дардам, ифтихорам», «Мафтуни туам, футбол» ва «Ӯзбегимнинг Миржалоли» аз ҷониби доираи васеи ҷомеа гарм истиқбол карда шудаанд.

Имрӯз фарзандон ва наберагони Мураббии шоистаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, довари дараҷаи ҷумҳурӣ, яке аз шореҳҳони нотакрори футбол ба анъанаи нек идома дода, ҳар сол мусобиқаи ёдбуди «Ахбор Имомхӯҷаев»-ро ташкил менамоянд.

**М. ШОДИЕВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

## ДАР ДАСТОРХОНИ ИФТОР – БОШАД МЕЪЁР!

***Моҳи муборак Рамазон барои аҳли мусалмон на танҳо айёми ибодат, балки давраи озмоиши ҷисм низ мебошад. Пас аз рӯзадорӣ ифтор фаро мерасад. Суоле бар миён меояд, ки оё мо ифторро танҳо барои ғизохӯрӣ мегузаронем ё барои беҳбудии саломатӣ?***



Мутахассисони соҳаи тиб бар он назаранд, ки пас аз гуруснагии тӯлонӣ якбора ва зиёд хӯрдан хатост. Ин амал метавонад ба кори дил, фишори хун таъсири манфӣ расонда, ҳатто бемориҳои ҳозимаро ба вуҷуд меорад.

– Ифторро бо хурмо ва об оғоз кардан на танҳо суннат, балки аз нигоҳи физиология низ дуруст аст. Хурмо дорои карбогидратҳои зудҳазм буда, сатҳи глюкозаро тадриҷан боло мебарад ва эҳсоси хастагиро кам мекунад. Об бошад, талафи моеъро ҷуброн намуда, гардиши хунро муътадил месозад, баъди хурмо ва об бояд чанд дақиқа танаффус гирифт. Ин фурсат ба меъда имконият медиҳад, ки ба қабули ғизои асосӣ омода гардад.

Таоми обакӣ ва гарм, ба мисли шӯрбои сабзавотӣ меъдаро фаъол месозад ва фаъолияти системаи ҳозимаро хуб мегардонад. Баръакс, таомҳои хеле равғанин ва бирён метавонанд боиси вазнинӣ, дарди меъда ва хастагӣ гарданд, – мегӯяд дар рафти суҳбат шифокори поликлиникаи оилавии рақами 48-уми ноҳияи Шайхонтоҳури шаҳри Тошканд Ёрқиной Тошпӯлатова.

**– Чаро меъёр муҳимтарин қоидаи ифтор ба ҳисоб меравад?**

– Меъёр муҳимтарин қоидаи ифтор аст. Пас аз як рӯзи парҳез, организм ба ғизои аз ҳад зиёд омода нест. Пурхӯрӣ метавонад боиси баландшавии ногаҳонии фишори хун, вазнинӣ дар меъда, халал дар хоб, зиёдшавии вазн гардад.

**– Дар вақти ифтор мо бояд чиро истеъмол кунем, то ки меъдаи моро азият надиҳад?**

– Меваҳои тару тоза организмро бо витаминҳо таъмин мекунанд. Сабзавотҳо фаъолияти рӯдаву меъдаро беҳтар месозанд. Чормағз ва меваҳои хушк манбаи равғанҳои солим ва энергия мебошанд. Тавсия дода мешавад, ки ғизои солим низ бояд мувофиқи меъёр истифода шавад.

**– Фосилаи беҳтарини байни ифтор ва хоб чанд соат бояд бошад?**

– Тавсия мешавад, ки байни хӯроки асосӣ ва хоб ҳадди ақал 1,5-2 соат фосила бошад. Агар инсон баъди ифтор фавран бихобад, ҳалли он суст мешавад, эҳсоси вазнинӣ ва дард кардани меъда пайдо мешавад.

**– Аломатҳои норасоии об дар организм кадомҳоянд?**

– Яке аз мушкилоти маъмул дар моҳи Рамазон норасоии об аст, ки байни ифтор ва саҳар об ба миқдори кофӣ бояд кам-кам нӯшида шавад, на кам аз 1,5-2 литр. Аммо нӯшокиҳои хеле ширин ва газноки зиёд зарар дорад.

Аломатҳои норасоии об боиси дилбеҳузурӣ, асабонӣ, бехобӣ, пастшавии фишори хун мегардад.

Рӯза фурсати ислоҳи тарзи истеъмоли таом мебошад. Кам кардани шириниҳои зиёдатӣ, парҳез аз равғани зиёд ва босаброна ғизо хӯрдан ба тарзи ҳаёти солим асос мегузорад.

Баъзеҳо дасторхони ифторро аз ҳад зиёд бо нозу неъматҳо пур мекунанд, ин ғайр аз худнамоӣ дигар амале нест. Агар мо ба дасторхони ифтор риоя кунем, рӯҳ ва ҷисми мо покиза мегардад.

Суҳбаторо **Ш. ТӮЙНАЗАРОВА.**

## «СОКТАРЕ» БА МАВЗЕИ «ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ» ТАБДИЛ МЕЁБАД

***Мувофиқи қарори Президент аз 8 октябри соли 2025 «Дар бораи чораю тадбирҳои ба намунавитарин ҳудуди зиндагӣ ва фаъолияти соҳибкории аҳолӣ табдил додани ноҳия (шаҳр) ва маҳаллаҳои ҷудогона» дар вилояти Бухоро 35-то маҳалла мақомоти маҳаллаи қиёфаи «Ӯзбекистони Нав»-ро гирифта барои ҳар яки онҳо 5 миллиард сӯмӣ пул ҷудо карда мешавад. Ин маблағ бобати беҳтаршавии тарзи зиндагии аҳолӣ ва фаъолияти соҳибкории вай, инчунин ҳамчун маскани обод ташаккул ёфта ба маҳаллаи намунавӣ табдил ёфтани ҳудуд хидмат мекунад.***

Ҷамоати шаҳрвандони «Соктаре» низ аз ҷумлаи мавзеъҳои дорои симои «Ӯзбекистони Нав» интихобшудаи ноҳияи Ғиждувон ба шумор меравад. Гуфтан ҷоиз аст, ки ин маҳалла ҳамчун маркази бо ҳам васлшавии маҳаллаҳои ҳамсоя аҳамиятнок буда, аҳолиаш зиёд ва зич ҷойгир шудааст. Аз ин рӯ, баҳри рушдёбии соҳибкорӣ инфрасохтори ҳудуд ниёзманди дастгирӣ ва имконияту шароитҳои иловагӣ мебошад.

Ба қарибӣ ҳокими вилоят ба маҳалла ташриф оварда, бо ҷараёни иҷрои қарори сарвари давлат дар ҳудуд шинос шуд. Дар айни замон нақшаҳои пешистода ба аҳолӣ маънидод гардида, таклифу мулоҳизаҳои эшон шунида шуд. Ҳоким моҳияти ташаббусҳои Президентро фаҳмонда, зарур будани ҳамҷиҳатию ташаббусҳои аҳолиро таъкид кард.

Инчунин, бо лоиҳаи таъмири Хона-музейи С.Айнӣ шинос шуда, ба мутасаддиён маслиҳатҳо дод. Хидматҳои Устод Айнӣ, саҳми ӯ ба адабиёти ҷадидӣ таъкид ёфт.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-228.
Адади нашр 2073. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.